# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии № 56
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 21-уми майи соли 2021, **№ 57**

Барои сазовор донистани Қодирзода Сайдмуссо Муҳибулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Қодирзода Сайдмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ», ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 05 феврали соли 2021, суратмаҷлиси № 47 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №133) қабул карда шудааст.

Аспирант Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло 1-уми майи соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2006 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети таърих шӯъбаи ҳуқуқшиносӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, соли 2011 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст.

Диссертатсия дар шӯъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи идоракуни давлатӣ ва худидоракунии маҳалии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Мушовири илмӣ: Буризода Эмомалӣ Бозор -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ - ҳуқуқии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Кенҷаев Шӯхратҷон Юсуфович** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (ш. Бохтар) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси семинари илмӣ-методии кафедра Абдураҳимов С.Қ. – мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Х. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қодирзода Сайдмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Қодирзода Сайдмуссо Муҳибулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни таълимоти таърихӣ - ҳуқуқӣ ва афкори сиёсиву ҳуқуқӣ алоқамандӣ дорад.

Аспирант вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расондааст. Интишороти аспирант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти аспирант аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Қодирзода, С.М., Абдулхонов, Ф.М. Таълимоти Мискавайҳ оиди идораи давлат ва мансабдорони давлатӣ [Матн] / С.М. Қодирзода, Ф.М. Абдулхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №1. – Қ.1. – С. 226-229.

**[2-М].** Қодирзода, С.М., Буризода, Э.Б. Андешаҳои ибни Мискавайҳ оид ба мафҳуми ҳокимият ва давлат [Матн] / С.М. Қодирзода, Э.Б. Буризода, // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – №2 (30). – С. 2 3-28.

**[3-М].** Қодирзода, С.М. Баъзе андешаҳои ҳуқуқию сиёсии Мискавайҳ [Матн] / С.М. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – №1 (33). – С. 53-57.

**[4-М].** Қодирзода, С.М. Моҳият ва вазифаҳои ҳуқуқ да ҷомеа аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ [Матн] // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – №4 (32). – С. 158-162.

**[5-М].** Қодирзода, С.М. Ҳуқуқэҷодкунӣ аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ ва нақши он дар давлати муосири тоҷикон [Матн] / С.М. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – №1 (33). – С. 161-167.

**[6-М].** Қодиров, С.М. Масоили омӯзиши мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Ибни Мискавайҳ [Матн] / С.М. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 239-243.

**[7-М].** Қодиров, С.М. Омилҳои аз байн рафтани ҷомеа ва роҳи пешгирӣ аз он дар андешаҳои Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ [Матн] / С.М. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – Қ.2. – С. 210-213.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд: Кулдишева Г.К. доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Ош (Ҷумҳурии Қирғизистон); Бобокалонов Ғ.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъба дар Маркази миллии қонунгузорӣ; Мирзоев С.Б. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Донишкадаи сарҳадии КДАМ ҶТ оид ба илм ва таълим; Солеҳов М.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; Солиева Н.Д. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта баён гардидааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии

мубоҳисавии диссертатсияро доир ба моҳият ва мазмуни умумии диссертатсия, ба таври комил истифода набурдани усулҳои муайяни илмӣ, ба таври васеъ ошкор нашудани вазифаҳои давлат дар автореферат, ва дигар камбудиҳои забониву имлогиро фаро мегирад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии аспирант:**

Таълимоти сиёсиву ҳуқуқии Мискавайҳ, марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи он, ҷанбаҳои амалии афкори мутафаккир бо истифода аз манбаҳои таърихӣ, осори илмӣ ва асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ омӯхта шудааст.

Муайян карда шудааст, ки таълимоти Мискавайҳ оид ба пайдоиши ҷомеа, ҳокимият, давлат, вазифаҳои давлат, шаҳрванди фаъол, талабот ба довталаби мансаби шоҳӣ саҳми мутафаккири бузург дар илми ҳуқуқ мебошад.

Ошкор карда шудааст, ки принсипҳои адолати иҷтимоӣ ҳамчун асоси ҳаёти ҷомеа, адолати судӣ, принсип ва заминаҳои рушди таърихӣ, ченакҳои тақсими ҳокимият ва давлат ҷавҳари таълимоти Мискавайҳ мебошанд.

Аввалин маротиба таълимоти мутафаккир оид ба ҳудуди фаъолияти давлат, масъулияти тарафайни давлат ва шахсият мушаххас карда шуда, андешаи мутафаккир оид ба вобастагии давлат аз ҳуқуқ ҳамчун зарурати воқеӣ исбот карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

Зимни таҳқиқот рисолаҳои бо забонҳои гуногун ба нашр расидаи Мискавайҳ, ки дар онҳо андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии мутафаккир инъикос ёфтаанд, аз ҷумла: "Таҳзиб ул-ахлоқ", "Таҷориб ул-умам", "Ал-фавз ул-асғар", "Ҷовидон хирад" ва дигар асарҳои ин мутафаккир ба ҳайси сарчашма истифода бурда шудаанд. Барои таҳлили муқоисавӣ ва муайян кардани тамоюлоти андешаҳои илмии Мискавайҳ ба таҳаммулпазирии мазҳабӣ, ҳамчунин барои муайян кардани сарчашмаҳои тоисломии андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии ӯ дар рисола андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии мутафаккирони кишварҳоли гуногун, таълимоти сиёсиву ҳуқуқии зардуштӣ ва дигар мактабҳову ҷараёнҳои қадимаи диниву фалсафии тоисломӣ, таълимоти ҳуқуқиву сиёсии исломӣ, ҳамчунин таълимоти сиёсиву ҳуқуқии як қатор мутафаккирони асрҳои миёна: Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Сино ва дигар мутафаккирони ҳамзамони мутафаккир, асарҳои ба осори эҷодии мутафаккир бахшидашуда мавриди омӯзиш, таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсус, аз ҷумла

диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилӣ ва расмии ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Тоҳиров Ф.Т., Маҳмудзода М.А., Диноршоев М., Насриддинзода Э.С., Шарофзода Р., Буризода Э.Б., Холиқзода А.Ғ., Зоиров Ҷ.М., Диноршоев А.М., Ализода З., Азиззода А.У., Сафарзода Б.А., Гадоев Б.С., Раҳмон Д.С., Абдулхонов Ф.М., Азизкулова Г.С., Кенҷаев Ю.Ш., Шоевро Ф., Умарбек Султонов, Баротов Н.Ю., Маҳмадраҳим Исоев , Зокиров Г.Н., Исоев М., Комилов Р.С., Муҳаммад А.Н., Саъдизода Ҷ. ва дигарон истифода шудаанд

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- эҳёи суннатҳои давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ як ҷанбаи хеле муҳими осори Ибни Мискавайҳ буда, мутафаккир ба таври мустақилона ва ё дар пайравӣ ба назарияи дигарон таҳия ва тадвин гардида, назарияи куллиеро ба вуҷуд овардааст, ки дар он падидаҳои башардӯстона ба назар мерасанд, ки барои тарбияи насли ҷавон ва худшиносии миллӣ хизмат хоҳанд кард. Амалан, пешниҳодоти муаллиф, дар хусуси ҳадафи таълимоти Мискавайҳ, ки ба таври куллӣ метавонад дар шароити кунунӣ барои рушди кишвари Тоҷикистон ба ҳайси аслҳои (принсипҳои) конститутсионӣ хизмати шоиста кунад. Ҳамзамон, пешниҳоду дастовардҳои муаллиф метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ дар самти эҳёи фарҳанги ниёгон истифода шаванд;

- тавсияву пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷгардидаро барои такмили минбаъдаи фаъолияти таҳқиқотӣ, истифодаи таълимоти мутафаккир дар фаъолияти тарғибу ташвиқи фарҳанги асили ҳуқуқии ниёгон, аслҳои демократӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрванд дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва рушди муносибатҳои Тоҷикистон истифода кардан мумкин аст;

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанҳои таълимии таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ, таърихи афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ, курсҳои махсус, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, махсусан асарҳои аслии мутафаккири бузурги тоҷик Мискавайҳ асос ёфта, бо маводи интишории аспирант, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таълимоти сиёсиву ҳуқуқӣ ва ахлоқии Мискавайҳ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои муҳаққиқони осори сиёсию ҳуқуқии халқи тоҷик истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

- натиҷаҳои бадастовардаи аспирант барои рушди таърихи давлат ва ҳуқуқ, афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва 15 интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 майи соли 2021 қарор қабул карда шуд, ки ба Қодирзода Сайдмуссо Муҳибулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 6 нафарашон доктрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**21 майи соли 2021**